# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Исуфов Шердил Ватанович дар мавзӯи «Хоҷагии кишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Омӯзиши таҷрибаи таърихии саҳми меҳнаткашон ва нақши деҳоти вилояти Кӯлоб дар таъмини ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз болои фашизм аҳамияти илмию назариявӣ дорад. Аз тарафи дигар дар давоми солҳои охир дар таърихнигории Ғарб раванди манфии “таърихсозӣ” ба вуҷуд омадааст, ки он саҳми арзандаи Артиши Шуравиро дар таъмини ғалаба бар фашизм дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ инкор менамояд. Аз ин лиҳоз, масъалаи дар хотираи насли ҷавон ҳифз нигоҳ доштани ҳақиқати таърихӣ оид ба қаҳрамониҳои меҳнаткашони Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ муаррихони ватаниро водор менамояд, ки масъалаи мазкурро мавриди омӯзиши аниқ қарор диҳанд.

Мақсади таҳқиқот омӯзиши ҳамаҷонибаи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ мебошад.

Предмети таҳқиқотро омӯзиши хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ташкил медиҳад, ки дар муқоиса бо дигар манотиқи ҷумҳурӣ дар самти рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ хусусиятҳои махсуси худро дорад.

Асосҳои назарявии таҳқиқоти диссертатсияро асарҳои олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, нашрияҳои даврӣ, маълумотҳои бойгонӣ, рисолаҳо ва мақолаҳои илмӣ ташкил медиҳанд.

Диссертант дар рафти навиштани рисола дар асоси принсипи таърихият, усулҳои айният, бетарафӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, татбиқӣ ва монанди онҳоро истифода бурдааст. Ҳамчунин, асоси таҳқиқотро усули проблемавӣ-хронологӣ ташкил додааст, ки он ба диссертант имкон

додааст, ки бартарихҳои тараққиёти кишоварзии вилояти Кӯлобро дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ муайян намуда, фикру мулоҳизаҳои худро иброз намояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он аст, ки ӯ дар асоси шумораи зиёди маводҳои бойгонӣ, матбуоти даврӣ ва адабиёти нашргардида доир ба ҳаёти хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, таҳқиқоти маҷмуиро анҷом додааст. Натиҷаи таҳкикоти мазкур, хулосаю навгониҳои илмӣ, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳои ҷанбаи амалидошта бевосита аз ҷониби муаллиф таҳия, баррасӣ ва собит карда шудаанд.

***Дар муқаддима*** мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, предмет ва объект, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия ***«Сафарбаркунии хоҷагии қишлоки вилояти Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ»*** ном дошта, он аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввал диссертант менависад, ки натиҷаи муҳимтарини фаъолияти меҳнатии колхозҳои мавҷудаи вилоят дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ афзоиши маҳсулоти кишоварзӣ, хусусан, истеҳсоли ғалладонагиҳо, пахта ва дигар зироатҳо будааст. Ҳамин тариқ, дар охири солҳои 30-юм коллективонии хоҷагии деҳоти вилояти Кулоб пурра анҷом ёфт.

Дар зербоби дуюми боби аввал ***«Чорабиниҳо оид ба пурзӯр намудани пойгоҳи моддӣ-техникии хоҷагии қишлоқ»*** баррасӣ гардидааст. Дар диссертатсия қайд мешавад, ки бо оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ пурзӯр намудани пойгоҳи моддӣ-техникии хоҷагии деҳот ба вуқӯъ омад. Дар соҳаи кишоварзӣ техникаҳо ва асбобҳои гуногун истифода мешуданд, ки аз онҳо тракторҳо, комбайнҳо ва мошинҳо зиёдтар маъмуланд. Дар

вилояти Кӯлоб ба раванди таъсис ва таҳкими заминаи моддию техникии соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешуд. Бар замми он ки хоҷагии қишлоқи вилоят дар ҳолати ҷангӣ буд, корҳои техникӣ дар вилоят бо рӯҳияи баланди меҳнатдӯстӣ пеш мерафт.

Ҳамин тавр, ба мустаҳкамшавии базаҳои техникии хоҷагии қишлоқ қарорҳои махсуси аз ҷониби ҳукумати иттифоқӣ ва ҷумҳурӣ қабулкардашуда таъсири худро расониданд. Мувофиқи хулосаи диссертант новобаста ба он ки вориди техникаи кишоварзӣ бо оғози ҷанг ба ҷумҳурӣ кам гардида бошад ҳам, меҳнаткашони вилоят техникаҳои мавҷударо самаранок истифода мебурданд.

Дар зербоби сеюми боби якуми диссертатсия ***«Масъалаи таъмин намудани соҳаи аграрӣ бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолӣ»*** оид ба таъмин намудани соҳаи кишоварзии вилоят бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолкунанада сухан меравад. Муаллифи диссертатсия менависад, ки аз рӯзҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар назди ташкилоти ҳизбӣ ва ҳукумат мушкилии ҷиддӣ ба миён омад, ки дар як вақти кӯтоҳ бояд мутахассисонро зуд таълим ва омода намояд, то онҳо нафарони ба фронт рафтаро пурра иваз намоянд. Вазъияти таъмини хоҷагии қишлоқ бо кадрҳои механизаторӣ, то соли 1942 мушкил буд. Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб дар самти тайёр намудани кадрҳои муҳандисию техникӣ ба ҷойи мардони ба фронт рафта, аз ҳисоби ҷавондухтарон ва занон мутахассисонро барои соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ омода намуд ва ин боиси он гардид, ки ҳиссаи занҳо аз рӯйи шумораи умумии коргарон ва хизматчиён дар ҳоҷагии халқи Тоҷикистон афзоиш ёфт.

Дар боби дуюми диссертатсия ***«Саҳми кишоварзони вилояти Кӯлоб барои ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ»*** нақши меҳнаткашони вилоят барои ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ сухан меравад. Дар зербоби якуми боби дуюм ***«Мубориза меҳнаткашони вилоят барои таъмин***

***намудани эҳтиёҷоти ҷабҳа»*** саҳми меҳнаткашони вилоят дар таъмин намудани ҷабҳа бо маҳсулот сухан меравад. Диссертант менависад, ки аз рӯзҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар вилоят барои сафарбар намудани захираҳои мавҷуда ҳамоишҳо ва маҷлисҳо аз ҷониби меҳнаткашон гузаронида мешуданд. Умуман, дар давоми солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз вилояти Кӯлоб зиёда аз 50 ҳазор нафар ба ҷабҳаҳои ҷанг сафарбар карда шуданд. Тамоми меҳнаткашони вилояти Кӯлоб ба фонди мудофиа супоридани маблағро дастгирӣ намудаанд. Аз ҷумла, колхозчиёни вилоят ба фонди сохтмони колоннаи танкии «Колхозчиёни Тоҷикистон» маблағ ҷамъ намуда супориданд. Фиристондани маводи хӯрока ва либос ба Артиши Сурх дар давраи ҷанг низ аз ҷониби меҳнаткашони вилояти Кӯлоб бо як ҳисси баланди ватандӯстона ба роҳ монда шуда буд.

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия ***«Корнамоиҳои сокинони деҳот дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ»*** қаҳрамониҳои сокинони деҳот дар истеҳсоли маҳсулоти кишварзӣ инъикос ёфтааст. Мувофиқи маълумоти диссертант дар солҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар вилояти Кӯлоб 739 колхоз мавҷуд буда, онҳо фаъолияти худро тибқи вазъи ҳарбӣ ба роҳ монда, ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тамоми қувваашонро равона карда буданд. Дар зербоби сеюми боби дуюм ***«Ҳаёти маданӣ-маишии кишоварзони вилоят дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ»*** вазъи фарҳангии вилоят дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ инъикос ёфтааст. Дар диссертатсия қайд гардидааст, маориф ва маданияти вилоят ба куллӣ таҷдид ва ба кори мубориза бо душман мувофиқ карда шуд. Кормандони китобхонаҳо, осорхонаҳо, муассисаҳои клубӣ, қасрҳои фарҳанг фаъолияти кории худро ба давраи ҷангӣ мутобиқ намуда, дар қисмҳои ҳарбӣ, беморхонаҳои ҳарбӣ, нуқтаҳои ташвиқотӣ бо лексия ва маърузаҳо баромад менамуданд ва кӯшиш мекарданд, ки қаҳрамониҳои фарзандони тоҷикро дар роҳи

озодӣ ва истиқлолияти Ватан ба мардуми ақибгоҳ расонанд. ***Дар хулосаи*** диссертатсия фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзуъ ва пешниҳодот ҷиҳати дар минбаъда таҳқиқ намудани масъалаи мазкур оварда шудаанд.

Ҳамин тавр, сохтор ва мазмуни асосии диссертатсия мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои докторӣ (PhD)-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад. Диссертант дар илми таърихи ватанӣ бори нахуст шуда, мавзӯи мазкурро объекти таҳқиқоти алоҳида интихоб намудааст.

Аммо, дар баробари комёбиҳо дар диссертатсия баъзе нуқсонҳо ва камбудиҳои ҷузъӣ низ ба чашм мерасанд:

**Якум,** хуб мешуд, ки сохтори маъмурӣ-ҳудудии вилояти Кулоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар як зербоби алоҳида нишон дода мешуд.

**Дуюм,** ба андешаи мо беҳтар мешуд, агар диссертант бо роҳи таҳлили муқоисавӣ вазъи рушди хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлобро бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар давраи Ҷанги Бузурги ватанӣ баррасӣ мекард, ки он боз арзиши илмии диссертатсияро афзоиш медод.

**Сеюм,** зимни таҳлили зербоби аввал, ки ба вазъи хоҷагии деҳоти вилоят дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшида шудааст, муаллиф баъзан аз доираи хронологии таҳқиқот берун рафтааст.

**Чорум,** дар рисола баъзе такрори матлаб, хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Аммо нуқсонҳои зикргардида хислати принсипиалӣ надошта, онҳо арзиш ва аҳамияти илмӣ, назариявӣ, маърифатӣ, амалӣ ва мазмуни илмии диссертатсияро коста намесозанд. Зеро муаллиф ҳангоми омӯзиши мавзӯи диссертатсия доираи васеи сарчашмаҳо ва адабиёти илмиро истифода намуда, дар заминаи таҳлили онҳо хулосаҳои илман асоснокшуда пешниҳод намудааст. Автореферат мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро комилан инъикос менамояд.

Хулоса, диссертатсияи докторант Исуфов Шердил Ватанович дар мавзӯи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» ба меъёрҳо ва талаботҳои аз ҷониби КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаррааршуда комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он Исуфов Шердил Ватанович сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

**Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои таърих, дотсенти**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба**
**номи М. Назаршоев** **Саидасанов Юсуф Шанавалшоевич**

**Имзои Саидасанов Юсуф Шанавалшоевичро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузори ва ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба**
**номи М. Назаршоев** **Саидраҳмонов Насим Саидрасулович**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хоруғ, Кӯчаи Ш.Шотемур 109
Почтаи электронӣ: ksu.khorog@mail.ru

«6» 03 2023 с.